**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20 апрели соли 2024, тахти №49.

Бораи сазовор донистани Мирзозода Шаҳриёр Мунавар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунаварро дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар таърихи 27.01.2024 сол, суратмаҷлиси №44 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Преиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, тахти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар 23-юми апрели соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2005 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ), касби ҳуқуқшиноси байналхалқӣ дохил шуда, Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2010 хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2011 то соли 2018 ба ҳайси мутахассис- коргузор, мутахассис, мутахассиси пешбар ва сармутахассис дар Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз соли 2018 то соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз моҳи июли соли 2023 то инҷониб ба ҳайси мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Аз 1-уми июли соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11-уми июли соли 2020, тахти №192-ст).

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва

муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Каримзода Умар Карим** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Д.Х. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Кравченко О.В. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Умедов К.М. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Файзулло М.Қ. санаи 01.04.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашриаҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Сангинов, Д.Ш., Назаров, Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Ш. Сангинов, Д.Қ. Назаров, Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 131-142; ISSN 2664-0651.
2. Мирзозода, Ш.М. Танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2 (54). – С. 210-215; ISSN 2664-0651.
3. Мирзозода, Ш.М., Назаров, Д.Қ. Танзими ҳуқуқии меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷойи коркунанда [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ.

Назаров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 140-144; ISSN 2305-0535.

4. Мирзозода, Ш.М., Назаров, Д.Қ. Хусусияти ҳуқуқии уҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №3 (23). – С. 264-175; ISSN 2414-9217.

5. Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии соҳавӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 307-311; ISSN 2664-0651.

6. Диноршоҳ, А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №4-1 (62). – С. 143-153; ISSN 2664-0651.

7. Диноршоҳ, А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсия [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №6. – С. 252-258; ISSN 2413-5151.

8. Диноршоҳ, А.М., Мирзозода, Ш.М. Эволютсияи таъмини конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2 (46). – С. 128-133; ISSN 2305-0535.

9. Мирзозода, Ш.М. Конституционное регулирование права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 140-143.

10. Мирзозода, Ш.М. Эволюция конституционного закрепления права на труд в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция-как фактор стабильности государства». – Душанбе, 2022. – С. 256-263.

11. Мирзозода, Ш.М. Регламентация права на труд в международных документах [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – №2 (24). – С. 98-107.

12. Салохидинова, С.М., Мирзозода, Ш.М. Соотношение права на труд и свободы предпринимательской деятельности [Текст] / С.М. Салохидинова, Ш.М. Мирзозода // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между РТ и РФ. – Душанбе, 2022. – С. 626-629.

13. Диноршоҳ, А.М., Мирзозода, Ш.М. Некоторые вопросы ограничения права на труд [Текст] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» посвященной 115-летию академика Б. Гафурова. – Душанбе, 2023. – С. 122-130.

14. Мирзозода, Ш.М. Худмуҳофизат ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115-солагии академик Б. Ғафуров. – Душанбе, 2023. – С. 135-139.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Одиназода Р.С.** – Директори муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ», доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Назарзода Д.Қ.** – Сардори шуъбаи кадрҳо, котибот ва корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Бобокалонов Ғ.М.** – Сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Солеҳзода Г.Д.** – котиби Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба таърихи пайдоиш ва танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таснифбандии ҳуқуқ ба меҳнат, талаботҳои махсуси маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷуд набудани таҳлили амалӣ ва таҷрибаи судии ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат, табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат, нуктаи назари худро баён нанамудани муаллиф оид ба роҳи ҳалли мушкилиҳо оиди ҷаҳонишавии танзими фаъолияти меҳнатӣ, нишон надодани нақш ва мавқеи санадҳои зериқонунӣ дар танзими ҳуқуқ ба меҳнат, ба таври кофӣ баррасӣ нагардидани фаъолияти Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат дар бунёди давлати иҷтимоӣ ва баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– мафҳумҳои асосии назариявӣ, ки заминаи ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионии шахсро ба меҳнат ташаккул медиҳанд, омӯхтааст;

– таҳаввулот ва танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд;

– мавқеи ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муайян намудани робитаи он бо дигар ҳуқуқҳои инсон муқаррар шудаанд;

– мафҳум, моҳият, мазмун ва шаклҳои амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат таҳқиқ карда шудааст;

– самтҳои асосии амалишавии кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби рисоланавис муайян карда шудааст;

– моҳият, шакл ва нақши маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд;

– усул ва методҳои асосии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи шахс ба меҳнат, муайян шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки танзим ва татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ҳамроҳӣ мекунанд, рушд ва мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳимми танзими қонунгузории ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда, онро аз нав дида мебароянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни илмии категорияи «ҳуқуқ ба меҳнат» мусоидат намуда, заминаи мавҷудбударо барои рушди қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, моделсозӣ, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (таърихӣ, ретроспективӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ, оморӣ) истифода гардидаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, аз қабили С.А. Авакян, З. Ализода, С.Ю. Алимов, М.В. Баглай, Г.Ю. Вдовин, Б.С. Гадоев, Г.А. Гаджиев, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, В.И. Крусс, Ҷ.М. Зоир, Х.М. Мирзамонзода, У.К. Муъминов, Н.Г. Мишин, Д.С. Раҳмон, Ф.М. Рудинский, И.И. Саидов, Б.А. Сафарзода, М.С. Сулаймонов, С.М. Салоҳидинова, Б.Н. Топорнин, В.А. Туманов, В.Е. Чиркин, Д.Х. Элназаров, Д.Н. Ярошенко ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба меҳнат дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнат, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** он бо таҳқиқи объективӣ, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Эътимоднокӣ, инчунин, дар натиҷаи таҳлили муфассали категорияҳои ҳуқуқӣ ва хулосаҳои илмии аз рӯйи онҳо қабулшуда зоҳир мегардад. Дурустии хулосаҳои бадастомадаро пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалии дисертант, ки дар раванди таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, омӯзиши равандҳои муосир, дурнамо, роҳу усулҳои навсозии масъалаҳои баррасишуда ташаккул ёфтаанд, тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад: аввалан, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ,

аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни махсуси ҳуқуқ ба меҳнат ва роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 20 апрели соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**20-уми апрели соли 2024**